«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ.Х. ____________**
**«____» ______________2020 с.**

# ХУЛОСА

## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзӯи «Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шуд.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Мирзоев Садриддин ҳамчун унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Соли 2012 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2019 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Аз рӯи муҳокима хулосаи зерин қабул гардид:**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои мубрами назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ – мукамалсозии қонунгузорӣ оид ба ҷазои ҷарима бахшида шудааст.

Мубрам будани мавзӯи диссертатсия аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳсос мегардид. Институти ҷазо дар ҳама давру замон яке аз воситаҳои ҳимояи муносибатҳои иҷтимоӣ ва арзишҳои ҳифзшавандаи умумибашарӣ аз таҷовузи ҷинояткорӣ эътироф мегардид. Дар марҳилаҳои алоҳидаи инкишофи ҷамъияти инсонӣ ба ин институт дар мубориза бо ҷинояткорӣ афзалияту бартарият дода мешуд. Аммо вақт ва таҷрибаи иҷтимоӣ нишон дод, ки муносибати ҷазодиҳӣ дар ҳалли ин масала нокифоя мебошад.

Мукаммалгардонии татбиқи намудҳои алакай маъмули ҷазо, ҷустуҷӯи чораҳои нав ва бештар самараноки таъсиррасонӣ ба ҷинояткорон – инҳо мушкилотҳое ҳастанд, ки дар замони имрӯза мавзӯи баррасии ҳуқуқӣ-байналмилалӣ гардидааст ва ҷомеаи ҷаҳонӣ дар масири ҳал намудани он қарор дорад. Натиҷаҳои ҷустуҷӯи воситаҳо ва усулҳои муқовимат ва пешгирии ҷинояткорӣ қисман дар доираи Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали Созмони Миллали Муттаҳид (минбаъд – СММ) дар иртибот ба чораҳое, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд намебошанд (Қоидаҳои токиёӣ), ки таҳти ҳимояи Ассамблеяи Генералии СММ коркард ва 14 декабри соли 1990 қабул шудааст, амалӣ гардида буданд. Қоидаҳои мазкур барои давлатҳои аъзои СММ тавсияҳоро дар хусуси ба низоми ҳуқуқии хеш бештар ворид намудани чораҳое, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд намебошанд, дар бар мегирифт.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ), ки аз 1 сентябри соли 1998 мавриди амал карор гирифт, маҳз бо дарназардошти талаботҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ коркард шуда, институти ҷазо, аз ҷумла ҷазои ҷарима низ мутобиқи Кодекси мазкур таҷдиди назар гардид. Мутобиқан ба ин, мақсади ҷазо, низом ва намудҳои он, таъин ва иҷрои ҷазо, озод намудан аз ҷазо мавриди азнавбаҳодиҳӣ қарор дода шуданд.

Ҷарима яке аз чораҳои алтернативии маҳрум сохтан аз озодӣ ва яке аз намудҳои бештар паҳншудаи ҷазои ҷиноятӣ дар мамлакатҳои

мухталиф ба ҳисоб меравад. Ҷарима ҳанӯз дар таҷрибаи судии марҳилаи шӯравӣ мавриди татбиқи васеъ қарор гирифта буд. Қонунгузор, ба истифодаи васеи ин намуди ҷазо дар таҷриба бе тафовут набуда, ҳаҷми ҷаримаро дар санксияҳои қисми махсуси КҶ ҶТ зиёд намуд. Шумораи зиёди ҳукмҳои судие, ки дар онҳо ба сифати ҷазо ҷарима таъин гардидааст аз он гувоҳӣ медиҳад, ки институти мазкур дар таҷрибаи судии Тоҷикистон мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтааст (дар соли 2011 – 24,4% дар соли 2012 – 25,4% дар соли 2013 – 32,4% дар соли 2014 – 37,2 %, дар соли 2015 – 33,5 %, дар соли 2016 – 32,0% дар соли 2017 – 31,6%).

Мушкилоти татбиқи ҷазо дар намуди ҷарима гуногунҷанба мебошад. Он дар худ на танҳо масъалаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, балки масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ки бо муайян намудани табиати ин намуди ҷазо, муайян намудани ҳудуди татбиқи он, тамоюли умумии инкишофи он алоқаманд мебошанд, дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ аз 02 ноябри соли 2013 яке аз самтҳои асосии он бознигарии ҷарима ҳамчун яке аз ҷазоҳои самаранок бо кам кардани андозаи ҷарима барои ҷиноятҳои начандон вазнинвадараҷаи миёна ба ҳисоб меравад.

Қоидаҳои стандарти ҳадди ақали СММ аз 14 декабри соли 1990 дар иртибот ба чораҳое, ки ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд намебошанд (Қоидаҳои токиёӣ) пешниҳод менамояд, ки таҷрибаи татбиқи ҷазоҳоеро, ки алтернативии маҳрум сохтан аз озодӣ мебошанд мунтаззам таҳлил гардида, самаранокии онҳо баҳо дода шуда, сари вақт ба танзими қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ ислоҳоти дахлдор ворид карда шавад. Ҳамчунин Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018–2028 пешбинӣ менамояд, ки яке аз самтҳои асосии рушди ҳуқуқи миллӣ ин таҷдиди назар намудани санксияҳои моддаҳои алоҳидаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ҷиҳати васеъ намудани ҷазоҳои алтернативии ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набуда

мебошад.

Баҳодиҳии таҷрибаи татбиқи ҷарима ва пешбинӣ намудани инкишофи он бидуни ба роҳ мондани таҳқиқотҳои эмпирикӣ ва таҳлили илмии натиҷаҳои он имконнопазир мебошад. Ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масъалаҳое, ки бо таъин ва иҷрои ҷазо дар намуди ҷарима алоқаманд мебошанд, вазифаи бисёр муҳими ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба шумор меравад, чунки он бевосита бо ҷараёнҳои қонунэҷодкунӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ алоқаманд мебошад.

Таҳқиқоти мазкур ба таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷазои ҷарима дар ҳамбастагӣ бо баҳодиҳии таҷрибаи судӣ вобаста ба таъини он, ошкор намудани мушкилотҳое, ки ба рушди босуръати ин намуди ҷазо дар марҳилаи муосир монеа эҷод менамоянд ва мушкилиҳое, ки бо иҷрои он алоқаманд мебошанд, инчунин коркарди тавсияҳо вобаста ба ҳалли онҳо бахшида шудааст.

Натиҷа ва хулосаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки он баъди қабули КҶ нави Тоҷикистон аз соли 1998 яке аз нахустин таҳқиқоти маҷмуие мебошад, ки ба таҳлили низомноки масъалаи такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷазои ҷарима бахшида шудааст. Навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ пеш аз ҳама дар пешниҳодҳои илман асосёфта аз ҷониби муаллиф доир ба такмили қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ва тавсияҳо оид ба таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии ҷазои ҷарима дар ҳамбастагӣ бо баҳодиҳии таҷрибаи судӣ вобаста ба таъини он, ошкор намудани мушкилотҳое, ки бо иҷрои он алоқаманд мебошанд, инчунин коркарди тавсияҳо вобаста ба ҳалли онҳо бахшида шудааст.

Диссертатсия бо равиши низомнок ба омӯзиши проблемаҳои қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷазои ҷарима равона гардидааст. Хулосаву пешниҳодҳои муаллиф ба таҳлили таъини он, асос ёфта, дар заминаи таҳқиқи таҷрибаи фаровони судӣ оид ба ҳукмҳои марбут ба ҷазои ҷарима мураттаб шудаанд.

Дар диссертатсия вобаста ба ҷазои ҷарима масоили зерин мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд:

- омӯзиши таърихи бавуҷудоӣ ва инкишофи ҷазо дар намуди ҷарима дар ҶТ, таҳлил намудани қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ оид ба ҷарима;

– пешниҳод намудани тафсири муфассали меъёрҳое, ки мафҳуми ҷарима, тартиби ҳисоби он ва муқаррар намудани андозаҳои ҷаримаҳоро танзим менамоянд;

– таҳқиқ намудани таҷрибаи татбиқи ҷарима ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ, муайян намудани маҳакҳои самаранокии он;

– таҳлил намудани меъёрҳои қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки асос ва тартиби иҷрои ҷаримаро танзим менамоянд;

– ҷамъбаст намудани таҷрибаи иҷрои ҷарима;

– коркард намудани пешниҳодҳои мушаххасу асоснок вобаста ба мукаммалгардонии танзими ҳуқуқии институти таҳқиқшаванда.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амалияи судӣ ва адабиёти илмӣ асоснок карда шудаанд. Онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Диссертатсия ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи 10, 11, 12, 14 ва 16 – и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гадидааст, мутобиқ мебошад.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия унвонҷӯ 13 мақолаҳои илмӣ ба табъ расондааст, ки аз онҳо се мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиядиҳанда ба нашр расидаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд. Ҳамин тавр,

**қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Мирзоев Садриддин дар мавзӯи «Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи соҳиб шудани дараҷаҳои илмӣ ва додани унвонҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Мирзоев Садриддин Талбакович дар мавзӯи «Ҷарима ҳамчун ҷазо ва масъалаҳои татбиқи он тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 19 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» – 19 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси №8 аз «04»-уми марти соли 2020.

**Раиси ҷаласа:** д.и.ҳ., профессор,
и.в. мудири кафедраи ҳуқуқи
ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия Сафарзода А.И.

**Котиби ҷаласа:** н.и.ҳ. дотсенти кафедраи ҳуқуқи
ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия Холиқзода Ш.Л.

Имзои А.И. Сафарзода ва Ш.Л. Холиқзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ
________________Тавқиев Э.Ш.